# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016 )» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).- Душанбе-2020.**

Истиқлолият бузургтарин неъмат барои миллату давлат ба ҳисоб меравад, ки ба туфайли он Ҷумҳурии мо ба ҳайси як субекти муносибатҳои байналмилалӣ баромад намуда, дар раванди сиёсии умумиҷаҳонӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллати куҳанбунёдамон ширкат меварзад. Ҳамин дастовард боис гардидааст, ки моро ҳамчун миллати соҳибдавлат ва соҳибтамаддун эътироф намуда, мустақилияти мардуми моро дар ҳайати як кишвари соҳибихтиёр ва ягона ба расмият шинохтаанд. Ҳамин эътирофҳо ва боварҳо нисбат ба давлати соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва боамни тоҷикон боис гардидааст, ки ҳар сол ҳазорон сайёҳон барои тамошои табиати нотакрору дилфиребн кишвари мо ба Тоҷикистон ташриф меоранд.

Дар ин замина Ҳукумати мамлакат нисбат ба ин соҳаи сердаромад ва афзалиятнок таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати рушди он кӯшиши ҳаматарафа ба харҷ дода истодааст. Таваҷҷӯҳи бевоситаи сарвари Давлат- Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама дар асоси дастуру супоришҳои эшон таъс ёфтани кумитаи сайёҳӣ дар алоҳидагӣ такони ҷиддие гардид ба соҳаи мавриди назар.

Унвонҷӯ як нуктаро аз суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон басо ба маврид овардааст, “Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои садҳо осори таърихию ҳунарӣ, ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, обҳои шифобахш, кӯҳҳои осмонбӯс ва табиати нотакрор аст, ки истифодаи оқилонаи онҳо, ба рушди туризм ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард”.

Бояд қайд намуда, ки як зумра кишварҳои пешрафтаи олам, назири Фаронса, Италия, Юнон, Чин, Арабистони Саудӣ, Туркия ва ғайраҳо

соҳаи сайёҳиро, ки аз ҳисоби он ҳар сол миллиардҳо долар ба даст меоранд аз соҳаҳои афзалиятнок ҳисобида, кайҳост ҷиҳати беҳтар намудани шароити сайёҳон, ҷалби сайёҳон ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилотҳои соҳаи мазкур назари муҳаққиқон ва коршиносонро равона намудаанд. Аммо дар кишвари мо, ки таҳаввулоти чашмрас ҳамин чанд соли ахир дар соҳаи мазкур ба миён омад, ҳоло паҳлӯҳои ҳамаҷонибаи он аз тарафи мутахассиону пажуҳишгарон пурра мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Аз ин хотир чунин меҳисобем, ки мавзӯи интихобнамудаи Миракзода Фаридун воқеан ҳам актуалӣ ва омӯхтанашуда маҳсуб меёбад.

Лозим ба ёдоварист, ки унвонҷӯ дар рафти таҳияи диссертатсияи мазкур маводҳои фаровони бойгонӣ, сарчашмаҳои мӯътамад ва осори донишмандону мутахассисони соҳаро пурра истифода намуда, бо мақсади таҳлил ва баррасӣ сарчашма ва адабиёти истифода намудаашро ба ҳафт гурӯҳ тақсим намудааст, ки ин дараҷаи илмии диссертатсияро бозҳам баланд мебардорад.

Инчунин дар охир аз навгониҳо ва дастовардҳои ба даст омада натиҷагирӣ намуда, ҷиҳати ҳалли мушкилотҳои мавҷуда ва рушди минбаъдаи соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудааст, ки он натиҷаи пажуҳиши ҷиддӣ ва нуктасанҷии унвонҷӯро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, гуфтори боло далели мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкур аст, ки аҳамияти бузурги назариявӣ ва илмӣ- амалӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки диссертатсияи **Миракзода Фаридун Юсуфи** дар мавзӯи **«Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991- 2016)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) як таҳқиқи муваффақ, бaaнҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Диссертатсия аз муқадима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз оғоз то

поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ таҳия шудааст ва он ба ҳимоя пешниҳод мегардад.

Мудири кафедраи бойгонишиносии
факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода",
номзади илмҳои таърих, дотсент Ҷобиров Р.Ф.

Имзоро тасдиқ мекунам:
сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ
ДДФСТ ба номи М.Турсунзода Ҳомидова З.

Маълумот барои тамос:
МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода
734025, шаҳри Душанбе,хиёбони Борбада 73а.,
Почтаи электронной: Email: tajartins@yandex,
www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.